«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон
_______Абдуалимзода Ҳ.А.
«30» _______ 2023с.

# ХУЛОСАИ

## Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Диссертатсияи Нурублоева Мадинабону Мавлоновна дар мавзуи «Ташаккул ва инкишофи кластерҳои ҳудудию саноатӣ дар минтақа (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» дар кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории ДДМИТ иҷро шудааст.

Дар рафти иҷрои диссертатсия Нурублоева Мадинабону Мавлоновна унвонҷӯи кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба шумор мерафт.

Тадқиқот оид ба омӯзиши пурраи мавзуи диссертатсионии Нурублоева Мадинабону Мавлоновна аз соли 2018 дар кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон оғоз гардидааст.

Нурублоева Мадинабону Мавлоновна соли 2000 Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистонро бо дипломи “аъло” хатм намудааст. Номбурда солҳои 2009 то соли 2012 ба сифати унвонҷӯй аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёти минтақавӣ таҳсил кардааст.

**Роҳбари илмӣ:** Қодиров Фируз Абдулҳафизович н.и.и., дотсент, муовини ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон оид ба робитаҳои байналмилалӣ.

Имтиҳонҳои номзадиро аз фанни забони хориҷӣ (англисӣ)-4 (хуб), таърих ва фалсафаи илм-4 (хуб) супоридааст. Имтиҳони номзадӣ (минимум) аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудиро бо баҳои 5 (аъло), аз 12.10.2022с, дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон супоридааст.

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Нурублоева Мадинабону Мавлоновна дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон 30-юми июни соли 2018 суратмаҷлиси №12/6.10 тасдиқ шудааст.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсия дар мавзуи «Ташаккул ва инкишофи кластерҳои ҳудудию саноатӣ дар минтақа (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» чунин хулосаҳо бароварда шуд:

1. **Баҳои кори иҷрошуда.** Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 рушди минтақаҳоро дар асоси истифодаи равиши кластерӣ пешбинӣ менамояд. Дар баробари ин таъсиси кластерҳои ҳудудию саноатӣ ҳамчунин дар Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, Барномаи саноатикунонии

Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, Барномаи саноатикунонии босуръати иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 ва Консепсияи ташкил ва рушди кластерҳои агросаноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 пешбинӣ шуда, чунин тарзи ташкили истеҳсолоти ҳудудӣ ба сифати роҳи ягонаи таъмини рушди истеҳсолот ва баландбардории рақобатпазирии иқтисодиёти минтақа ва миллӣ эътироф карда шудааст. Чи гунае, ки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад кластерҳои ҳудудию саноатӣ воқеан ҳам ба сифати омили рушди иқтисодӣ, баландбардории рақобатпазирӣ ва самаранокии истеҳсолоти саноатӣ баромад намуда, ҳамчунин дар ҳалли масъалаҳои шуғл, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, ташаккули имиҷи минтақа ва тавсеаи иқтидори содиротии кишвар нақши калидӣ доранд.

2. **Саҳми шахсии довталаб.** Саҳми шахсии довталаб дар он муайян мегардад, ки иҷрои нақшаи кори диссертасионӣ, аз ҷумла интихоби мавзуъ, асосноксозӣ, мақсад, вазифаҳо, мубрамият ва аҳамиятнокии он аз ҷониби диссертант таҳия гардидааст. Тавсияҳои кори илмӣ метавонанд ҳангоми такмил ва татбиқи сиёсати саноатӣ дар самти кластерикунонии иқтисодиёти минтақа мавриди истифода қарор дода шаванд. Пешниҳоди алоҳидаи муаллиф дар амалияи корхонаҳои саноатии минтақа мавриди истифода қарор дода шудааст.

3. **Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия** бо гузаронидани таҷрибаҳо, дақиқии маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Дар таҳқиқоти анҷомдодашуда масъалаҳои мубрами ташаккул ва инкишофи кластерҳои ҳудудию саноатӣ таҳлил гардида, тавассути маълумотҳои дақиқи соҳавӣ асоснок карда шуда, пайдарпайии таҳқиқи назария, методология ва амалия дар сатҳи зарурӣ арзёбӣ гардидаанд. Ҳамчунин тамоми масъалаҳо ва пешниҳодҳо бо далелу рақамҳои оморӣ, ҳисоботи вазорату идораҳои дахлдор вобаста ба мавзуи таҳқиқгардида асоснок карда шудаанд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаи таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ, асос меёбанд.

4. **Мақсади таҳқиқот** - асосноккунии назариявӣ ва коркарди тавсияҳои амалӣ оид ба ташаккул ва инкишофи кластерҳои ҳудудию саноатӣ дар минтақа ба ҳисоб меравад.

5. **Навгонии таҳқиқоти илмиро** асоснок намудани ҷанбаҳои назариявию методологии ташаккул ва инкишофи кластерҳои ҳудудию саноатӣ дар минтақа ҷиҳати тақвияти таҷрибаи неоиндустриализатсияи иқтисодиёти минтақа ва баланд бардоштани рақобатпазирии он ташкил медиҳад. Унсурҳои асосии навгонии илмӣ инҳоянд:

- назария ва равишҳои назариявии таҳқиқи кластерҳои ҳудудию саноатӣ дақиқ ва такмил дода шуда, афзалият ва бартариятҳои кластерикунонии истеҳсолоти ҳудудию саноатӣ исбот карда шуда, ташаккул ва инкишофи кластерҳои ҳудудию саноатӣ – ҳамчун самти бартаридоштаи рушди низоми иқтисодиву иҷтимоии минтақа эътироф карда шудааст;

- исбот карда шудааст, ки кластерҳои ҳудудию саноатӣ ҳамчун механизми неоиндустриализатсияи иқтисодиёти минтақа баромад намуда, дар ин замина барои баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳо, сатҳи рақобатпазирии минтақа, ҷолибияти сармоягузорӣ, тақвияти фаъолияти инноватсионӣ ва рушди устувори он шароит фароҳам месозад;

- дар заминаи таҳлили ҳолати муосир ва заминаҳои иқтисодиву иҷтимоии татбиқи ташаббусҳои кластерӣ дар сатҳи минтақа омилҳои ба ташаккул ва инкишофи кластерҳои ҳудудию саноати таъсиррасон гурӯҳбандӣ карда шуда, иқтидори соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёти минтақа ошкор ва имконияти таъсиси кластерҳои ҳудудию саноатӣ баррасӣ карда шудааст;

- самтҳои стратегии такмили асосҳои институтсионалӣ ва ташкилию иқтисодии ташаккул ва инкишофи кластерҳои ҳудудию саноатӣ ошкор карда шуда, ҷиҳати танзими шароити мусоиди рушд маҷмуи чорабиниҳо таҳия, механизми татбиқи онҳо коркард ва алгоритми таъсиси кластерҳои ҳудудию саноатӣ пешниҳод карда шудааст;

- модели кластери ҳудудию саноатии "Зарафшон" таҳия карда шуда, дар асоси омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ самтҳои стратегии инкишофи он муайян карда шудааст, ки фарогири унсурҳои институтсионалӣ, инноватсионию инвеститсионӣ ва ташкилию иқтисодӣ мебошад.

**6. Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар таҳияи муқарраротӣ консептуалие ифода меёбад, ки таҳаввулот, моҳият ва мазмуни ташаккул ва инкишофи кластерҳои ҳудудию саноатиро дар низоми иқтисодии минтақа равшан сохта, имконият медиҳад, ки ҷиҳати баландбардории рақобатпазирии минтақа ва таъмини рушди устувори он низоми тадбирҳои методологӣ ва амалӣ таҳия карда шавад.

**Аҳамияти амалии кори диссертатсионӣ** дар он зоҳир меёбад, ки хулосаҳо ва тавсияҳои илман асоснокшуда метавонанд аз ҷониби мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ширкату корхонаҳо барои такмил додани сиёсат ва таъминоти абзорию методии ташаккул ва рушди кластерҳои ҳудудию саноатӣ истифода карда шаванд.

**7. Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи тахассуси илмӣ**. Навоварӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба бандҳои зерини

Шиносномаи ихтисосҳои илмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи тахассуси 08.00.03. - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мувофиқат мекунад: 1.2. Тақсимоти ҳудудии захираҳои иқтисодӣ; ҷиҳатҳои назариявӣ, методӣ ва амалии ҷойгиркунии корхонаҳо, фирмаҳои бизнеси хурд ва миёна, кластерҳои иқтисодӣ, корхонаҳои бахши ҷамъиятӣ, хоҷагиҳои хонавода; 1.3. Ташкили ҳудудии иқтисодиёти миллӣ; таъсисёбӣ, фаъолият ва таҷдиди кластерҳои иқтисодӣ ва дигар низомҳои маконии маҳдудшуда; 1.9. Баҳодиҳии нақши минтақаҳо дар иқтисодиёти миллӣ (нишондодҳо, усулҳо, методологияи таҳлил); махсусгардонии истеҳсолии минтақаҳо; сохтори иқтисодӣ аз ҷиҳати макон, қонуниятҳои дигаргуншавии он; сиёсати сохторӣ ва азнавсозии сохторӣ; 1.19. Истифодаи самараноки омилҳои истеҳсолот дар тараққиёти иқтисодиёти минтақаҳо. Қонуниятҳо ва хусусиятҳои ташкил ва идоракунии сохторҳои иқтисодӣ дар минтақаҳо. Афзалиятҳои мутлақ ва нисбии кластерҳои иқтисодии минтақавӣ; 1.23. Механизми ҳудудии инкишофи бизнеси хурд ва соҳибкории хусусӣ дар сатҳи мезоиқтисодӣ. Муаммоҳои баланд намудани самаранокии соҳибкории хурду миёна дар минтақаҳо. Стратегияи тараққиёт ва таъсисёбии низоми соҳибкорӣ дар бахшҳо ва соҳаҳои иқтисодиёти минтақавӣ.

**8. Таъйиди диссертатсия ва иттилоот оид ба истифодаи натиҷаҳои он.** Натиҷаҳои асосӣ ва муҳими диссертатсия дар конференсияҳои илмӣ-амалии сатҳи байналмилалию ҷумҳуриявӣ, мизҳои мудаввар ва семинарҳои илмӣ-методӣ, ки дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва берун аз он гузаронида шудааст, аз ҷониби унвонҷӯ ироа гардидааст. Аксарияти мақолаҳои муаллифи диссертатсия дар солҳои 2018-2022 дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон рӯйи чоп омадаанд.

Тавсияҳои методӣ ва амалии асосноккардашудаи таҳқиқот дар ҷараёни таълими фанҳои «Иқтисодиёти саноат» ва «Иқтисоди корхона» мавриди истифода қарор дода шудааст.

**9. Интишори натиҷаҳои диссертатсия.** Доир ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф 15 мақола, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп гардидааст.

**10. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Сохтори диссертатсия аз муқаддима, се боб, нӯҳ зербоб, хулоса ва пешниҳодҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда, ки фарогирии 140 номгӯй мебошад, иборат аст. Дар кори диссертатсионӣ 18 ҷадвал ва 15 расм мавҷуд буда, дар ҳаҷми 175 саҳифаи матни компютерӣ пешниҳод гардидааст.

## ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ МУАЛЛИФ ДОИР БА МАВЗУИ ТАҲҚИҚОТ

### Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда

[1-М]. Нурублоева М.М. Формирование кластерной модели развития лёгкой промышленности Республики Таджикистан: предпосылки и перспективы. [Текст] / М.М. Нурублоева, Ф.А. Кодиров, Х.М. Расулзода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - Душанбе: «СИНО», 2018 - № 2-8. - С.25-28. ISSN-2413-5151

[2-М]. Нурублоева М.М. Развитие организационно-экономических основ функционирования регионального рынка мясомолочной продукции. [Текст] / М.М. Нурублоева, К.К. Давлатов, Х.К. Шоймардонов // Вестник Таджикского национального Университета. Серия социально-экономических и общественных наук. Душанбе, 2018 «СИНО»-№9-С. 5-12. ISSN-2413-5151

[3-М]. Нурублоева М.М. Системаҳои саноатии минтақавӣ: масъалаҳои назариявӣ ва самтҳои рушд. [Матн] / М.М. Нурублоева, Б.С. Давлатов // Паёми Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2021- № 2 С 137-143. ISSN-2663-0389

[4-М]. Нурублоева М.М. Кластери корхонаҳои хурду миёнаи саноатӣ-омили рушди устувори иқтисодиёти минтақа. [Матн] / М.М. Нурублоева // Паёми Политехникӣ. Бахши «Интелект, инноватсия, инвеститсия» Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ. Душанбе, 2021-№2 (54)-С. 61-66. ISSN-2520-2235.

[5-М]. Нурублоева М.М. Промышленные кластеры как форма организации территориального производства: особенности и принципы организации. [Текст] / М.М. Нурублоева // Вестник Академии государственного управления Республики Таджикистан. Душанбе, 2022 г.-№4/2 (59) С 123-132, ISSN 2664-0651.

**Дар дигар нашрияҳо:**

[6-М]. Нурублоева М.М. Вазъи соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷиистон дар давраи гузариш. [Матн] / М.М. Нурублоева // Конфронси байналмиллалӣ дар мавзуи «Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ, муаммоҳои минтақавӣ, байналмиллалии Тоҷикистон». Душанбе, 2018. С.51-56.

[7-М]. Нурублоева М.М. Ташкили ҷараёни навоварии техникӣ дар корхонаҳои саноатӣ. [Матн] / М.М. Нурублоева // Конфронси апрелии илмӣ-назариявии Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Душанбе, 2017с. С. 199-202.

[8-М]. Нурублоева М.М. Соҳаҳои саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: афзалият ва дурнамои рушд. [Матн] / М.М. Нурублоева // Конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ. Тоҷикистон. Душанбе, 2018. С. 138-141

[9-М]. Нурублоева М.М. Асосҳои назариявию методологии тадқиқи рушди саноати сабук. [Матн] / М.М. Нурублоева // Конфронси апрелии илмӣ-назариявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Душанбе, 2018с. С. 188-191

[10-М]. Нурублоева М.М. Асосҳои илмиву амалии ташаккулёбии кластерҳои саноатӣ. [Матн] / М.М. Нурублоева // Конфронси апрелии илмӣ-назариявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Душанбе, 2020с. С. 80-82

[11-М]. Нурублоева М.М. Саноат - соҳаи пешбарандаи иқтисоди миллӣ. [Матн] / М.М. Нурублоева // Конфронси апрелии илмӣ-назариявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Душанбе, 2021с. С. 103-105

[12-М]. Нурублоева М.М. Самтҳои асосии ташаккулдиҳӣ ва рушди кластерҳои саноати хӯрокворӣ дар вилояти Суғд. [Матн] / М.М. Нурублоева //Конфронси апрелии илмӣ-назариявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Душанбе, 2022с. С. 283-285

[13-М]. Қодиров Ф.А., Нурублоева М.М. Повышение конкурентоспособности промышленных предприятий свободных экономических зон Республики Таджикистан на основе кластерного подхода. [Текст] / М.М. Нурублоева // Конфренсияи илмию амалии байналмиллалӣ дар мавзуи “Тоҷикистон дар низоми муосири муносибатҳои молиявӣ-қарзии байналмиллалӣ”-и ДДМИТ. Душанбе, 26-уми ноябри соли 2021. С. 21-25

[14-М]. Нурублоева М.М. Территориально-производственные кластеры – основа повышения конкурентоспособности промышленности в условиях ускоренной индустриализации [Текст] / М.М. Нурублоева, Ф.А.Кодиров // Материалы республиканской научно-методической конференции 30 марта 2022 г. Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики. Худжанд, 2022 - «Дабир», С. 200-204. ISBN 978-99985-66-01-9.

[15-М]. Нурублоева М.М. Основные направления формирования и развития кластеров пищевой промышленности Согдийской области РТ Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзӯи «Арзёбии ҳолати фаъолияти соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшида ба солҳои Рушди саноат 2022-2026 шаҳри Душанбе, 6-уми майи соли 2023 С.197-200

Хулоса дар ҷаласаи васеи кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон қабул карда шудааст.

Дар ҷаласаи васеи кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкорӣ иштирок доштанд: ҳамагӣ-18 нафар, аз онҳо бо ҳуқуқи овоздиҳӣ- 12 нафар. Аз ҷумла, бо ихтисоси диссертатсияи муҳокимагардида д.и.и., профессорон-3 нафар, н.и.и., дотсентон-9 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор-12 нафар, муқобил нест, бетараф-нест, дар асоси натиҷаи овоздиҳӣ,

**Ҷаласаи кафедра қарор қабул кард:**

1. Диссертатсияи Нурублоева Мадинабону Мавлоновна дар мавзуи «Ташаккул ва инкишофи кластерҳои ҳудудию саноатӣ дар минтақа (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод гардидааст, кори анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Нурублоева Мадинабону Мавлоновна дар мавзуи «Ташаккул ва инкишофи кластерҳои ҳудудию саноатӣ дар минтақа (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод гардидааст, ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014-и назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон барои баррасӣ тавсия дода шавад.

3. Қарори кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон тасдиқ карда шавад.

Протоколи №1-и ҷаласаи васеи кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз 28.08.2023с.

**Раис:**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент
мудири кафедраи иқтисоди
корхонаҳо ва соҳибкорӣ — Нуридинов С.З.

**Котиб:**
н.и.и., муаллими калон — Исайнова М.Ҳ.

*Имзои Нуридинов С.З. ва Исайнова М.Ҳ.-ро тасдиқ мекунам:*

**Сардори шуъбаи кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДДМИТ** — Шарипов У.А.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ